«Тасдиқ мекунам»
Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон д.и.ҳ., профессор Ғафурзода А.Д.
________________________
«__»____________ 2022.

**Хулосаи**
**ҷаласаи Шӯрои олимони факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) зери роҳбарии н.и.т., дотсент Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович дар кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ ба анҷом расонида шудааст.

Диссертант Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович аз соли 2017-2022 ба ҳайси унвонҷӯи шуъбаи омодакунии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Академияи идракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳсил намудааст.

Тибқи қарори Шӯрои олимони Академия (собиқ Донишкада) аз 28.08.2017, протоколи №1 мавзӯи рисолаи номзадии унвонҷӯ Маҳмадов И.М. "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)" зери роҳбарии Абдураҳмонов Зевар Вафоназарович тасдиқ карда шудааст.

Мавзӯи диссертатсияи илмии Маҳмадов И.М. дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарии факултети дипломатия ва сиёсат аз 28-уми сентябри соли 2020, протоколи №2 муҳокима гардидааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсияи илмӣ дар мавзӯи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)" чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Баҳодиҳии иҷрои диссертатсия.** Диссертатсияи Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи "Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)"

дар шароити муосир мавзӯи рӯзмарра буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст.

Ҳамзамон, бо забони илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад.

**Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Мақсади таҳқиқи диссертатсияи мазкур аз таҳлили инкишофи соҳаи тиб дар минтақаи собиқ вилояти Кӯлоби ҶШСТ (ҳозира вилояти Хатлони ҶТ) дар солҳои 1924 – 1991 иборат мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот натиҷаҳои илмии зерин ба ҳисоб меравванд:** Дар мавзӯи мазкур бори аввал таърихи тиб ҳамчун яке аз муҳимтарин соҳаҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтсодӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар рафти тадқиқот душвориҳо ва комёбиҳои соҳаи тиб дар ҳар давру замон омухта шуда, аҳамияти онҳо барои ҷомеа аз нуқтаи назари сиёсӣ ва таърихӣ баҳогузорӣ гардидааст. Дар тадқиқот бори аввал дар мисоли минтақаи Кӯлоб фактҳои фавти одамон аз сабаби бемориҳои сирояткунанда рӯи кор оварда шуда, марҳилаҳои таърихии муборизаи табибон бо ин бемориҳо таҳқиқ карда шудааст.

Инчунин, дар рисола таъсири манфӣ ва мусбии сохти идории Шӯравӣ ба системаи тиббии мардумӣ таҳлил гардида, бартарӣ ва камбудиҳои асосии давлати Шӯравӣ дар барпокунии тибби замонавӣ оварда шудааст.

-рисолаи мазкур аввалин тадқиқоти мукаммали илмӣ мебошад, ки таърихи рушди соҳаи тибро дар собиқ вилояти Кӯлоб дар солҳои 1924-1991 меомӯзад.

-дар рисола бори аввал маълумотҳои таърихӣ дар бораи таъсисёбии муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб, тибби тоинқилобӣ ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ мавриди таҳлил қарор дода мешавад.

-ҳамчунон, дар тадқиқоти мазкур бори аввал фаъолияти табибони ҳарбӣ дар солҳои 20-30 асри ХХ дар самти мубориза бо бемориҳои сироятӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

-бори аввал системаи тайёркардани кадрҳои соҳаи тиб ва нақши онҳо дар таъсиси сохторҳои тибби замонавӣ дар минтақаи Кӯлоб муайян карда мешавад;

-дар рисола саҳми табибони дигар халқу миллатҳо низ дар инкишофи соҳаи тибби минтақаи Кӯлоб мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

-бори нахуст хуруҷи бемориҳои сироятӣ дар вилояти Кӯлоб бо дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ муқоиса карда шудааст.

-инчунин, дар рисола бори аввал таърихнигории таърихи соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоб таҳлил гардида, сарчашмаҳои таърихӣ ва

маводҳои бойгонӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу муқоиса қарор дода шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.**

Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти илмии мустақилона мебошад. Дар ҳама марҳилаҳои диссертатсия, иҷрои нақшаи таҳқиқот, асосноккунӣ, ҷамъ ва коркарди маводи назариявӣ ва методӣ муаллиф мустақилона фаъолият намудааст. Дар раванди таҳқиқот аз ҷониби муаллиф ташаккул инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991) асоснок карда шудааст.

**Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқотро** метавон мустақиман ҳамчун маводи таълимӣ ва илмӣ барои тадқиқотҳои соҳаи таърих ва тибби ватанӣ истифода шавад. Ҳамзамон, рисолаи мазкур ҳамчун маводи дарсӣ омӯзиши таърихи тиб хаттогиҳои гузаштаро нишонрас намуда, дурнамои рушди ин соҳаро пешбинӣ мекунад.

**Усулҳои таҳқиқот** Дар ҷараёни таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, таърихӣ, илмӣ, таҳлилию қиёсӣ истифода шудаанд.

**Заминаҳои назариявию методологии таҳқиқотро** асарҳои илмии олимони ватанию хориҷӣ ташкил медиҳанд, ки дар онҳо таърихи ташаккул ва инкишофи тибби Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври амиқ ва ҳамаҷониба таҳқиқ карда шудаанд.

**Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** ба талаботҳои шаҳодатномаи КОА- назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мутобиқат мекунад.

Доир ба мавзуи таҳқиқоти дисссертатсионӣ 10 мақолаи илмӣ нашр гардидааст, ки ҳамаи онҳо дар маҷаллаҳои илмии тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шуданд.

## РӮЙХАТИ МАҚОЛАҲОИ ЧОПШУДА АЗ РӮИ МАВЗУЪ:

### А) Мақолаҳое, ки дар нашрияҳои эътирофгардидаи КОА чоп шудаанд:


1. Аз таърихи таъсисёбии беморхонаҳои пӯст ва зуҳуравӣ дар минтакаи Кӯлоби вилояти Хатлон // Маҳмадов И. Маҷаллаи илмии ПДМТ // №3/4 саҳ. 78-80, Душанбе, 2017.
2. Аз таърихи пайдоиши аввалин муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-40 асри XX // Иброҳим Маҳмадов Маҷалаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №4 (36) октябр-декабри 2017. саҳ 151-158
3. Аз таърихи пайдоиш ва рушди соҳаи тандурустии ноҳияи Фархор //Маҳмадов И./ Конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ». Кӯлоб

2020 саҳ 49-51.

4. Фаъолияти раёсати тандурустии минтақавии Кӯлоб дар таъмини хизматрасониҳои тиббии аҳолӣ //Иброҳим Маҳмадов. Маҷалаи илмии ПДМТ // №3/6 саҳ. 109-112, Душанбе, 2017.

5. Барқарор ва рушди соҳаи тиб дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (1920-1990), Маҳмадов И. // Маҷалаи илмии ПДМТ, №3/5 стр. 136-140, Душанбе, 2017.

6. Аз таърихи ташаккули соҳаи тандурустии шаҳри Кӯлоб //Иброҳим Маҳмадов/ Маҷаллаи илмии ПДМТ, №3/7 стр. 142-144, 2017.

7. Фаъолияти тибби минтақаи Кӯлоб дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ 1941-1945 //Иброҳим Маҳмадов// Маҷалаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №2 (46), (04-06) 2020. саҳ 127-132.

8. Таъсиси нахустин муассисаҳои тиб дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-30-юми асри XX. Маҷаллаи илмӣ-назариявии «Муаррих» Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. №3 саҳ 54-61 (19) – 2019.

9. Саҳми зодагони минтақаи Кӯлоб дар инкишоф ва пешрафти илми тиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Авҷи зуҳал//Маҳмадов И.М. Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино. №4 саҳ 283-285 - 2019.

10. Рушди соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60 уми асри XX //И.Маҳмадов // Муаррих /№1(21) 2020. саҳ. 47-53.

**Б) Мақолаҳое, ки дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд:**

11. Нахустин муассисаи тиббии форсу тоҷик. Маводи чопӣ дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар Филиали Донишкадаи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб. 17 -18 майи соли 2013.

12. Закариёи Розӣ асосгузори тибби форсу-тоҷик. Маҷмуаи илмӣ конференсияи илмию-назариявии ҷамбастии устодону донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 29-30.05.2014, саҳ 19-22.

13. Дастовардҳои тиббии форсу-тоҷик. Маҷалаи Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ 2(15) 2016. саҳ 54-57.

14. «Аз таърихи пайдоиши аввалин муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20-40 уми асри XX» Маводи чопии конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони Ҷавонон ва рушди илми муосир. Қурғонтеппа-2016. саҳ 78-84.

15. Дастовардҳои тибби қадими форсу тоҷик (аз Авасто то оли Сосон). Маводи чопии конференсияи ҷумҳуриявӣ зери унвони Ҷавонон ва рушди илми муосир. Қурғонтеппа-2016. саҳ 94-98.

16. Рушди соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Кӯлоб» (дар солҳои ҳокимияти шӯравӣ). Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ зери унвони «Нақш ва аҳамияти осори Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар тамаддуни олами Асримиёнагӣ ва муосир». Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н. Хусрав. 19.11.2016 саҳ. 157-163.«Рушди муассисаҳои тиббии минтақаи Кӯлоб дар солҳои 20- 40 уми асри XX» маҷалаи Паёми ДДК 1 (16) 2017. саҳ 74-80.

17. Дастовардҳои халқи тоҷик дар соҳаи тиб аз давраи сосониён то сомониён. Дар маҷаллаи илмӣ-сиёсии Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. №3 2019 саҳ 122-128.

18. Аз таърихи пайдоиш ва рушди тандурустии ноҳияи Фархор. Кӯлоб 2020 саҳ 49-51. Дар конференсияи Ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами илму маориф дар шароити ҷаҳонишавӣ».

19. Рушди соҳаи тандурустӣ дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 50-60-уми асри XX. Маводҳои конференсияи 5 байналмилалии илмии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм инноватсия ва технология» Душанбе соли 2021. саҳ 33-43.

Ҷаласаи Шӯрои олимони факултет дисертатсияи номзадии унвонҷӯй муаллими калони кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” мавриди муҳокима қарор дода ба чунин хулоса омад:

- диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедраи фалсафа ва фанҳои гуманитарӣ Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) пешниҳод гардидааст, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

- диссертатсияи номзадии муаллими калони кафедра Маҳмадов Иброҳим Мирзошарифович дар мавзӯи “Таърихи ташаккул ва инкишофи муассисаҳои тиббӣ дар минтақаи Кӯлоб (солҳои 1924 – 1991)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.02– таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) барои баррасӣ ва ҳимоя ба Шӯрои диссертатсионии назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ пешниҳод карда мешавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд.

Дар ҷаласа 18 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст:

Тарафдор 18 нафар, бетараф ва зид нест.

Протоколои №7 аз 30-юми марти соли 2022.

Раиси Шӯрои олимони факултети
дипломатия ва сиёсат
н.и.ҳ., дотсент — Қодирзода Д.С.

Котиби илмии Шӯрои олимони
факултети дипломатия ва сиёсат
ассистент — Иззатуллоева С.С.

Муқарриз

Мудири кафедраи дипломатия ва
муносибатҳои байналмилалӣ
н.и.т., дотсент — Меъроҷиддини Н.

Муқарриз

Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи
Донишгоҳи давлатии омӯзгории
Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ
номзади илмҳои таърих — Маҳмадов У.Д.

Имзои Маҳмадов Убайдулло Давлатовичро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо,
коргузорӣ ва корҳои махсуси
ДДОТ ба номи С.Айнӣ — Назарзода Д.Қ

Имзоҳои н.и.ҳ., дотсент Қодирзода Д.С.,
ассистент Иззатуллоева С.С. ва н.и.т.,
дотсент Меъроҷиддини Насриддинро
тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ
ва корҳои махсуси Академияи
идоракунии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Бобозода О.О.

«4» 04 2022.